# ТАҚРИЗ

ба диссертатсияи Ризобоева Наргис Мамадкаримовна, ки ба мавзуи "Тасвирҳои парадоксӣ дар шеъри муосири тоҷик" (давраи истиқлол) ихтисос дошта, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология (аз рӯйи ихтисоси 10.01.08 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ) пешниҳод шудааст.

Воқеият ин аст, ки истоӣ хоси зиндагӣ нест. Ҳастӣ ҳамеша дар ҳоли тағйиру таҳаввул аст. Аҷиб ин аст, ки раванди тағйирпазирӣ ҳеҷ гӯшае аз зиндагиро канор намегузорад. Ҳар бахше аз иҷтимоъ ба гунае тағйири либос менамояд. Мусаллам аст, адабиёт низ аз ин радиф истисно нест. Бо дигаргун шудани сатҳи сиёсиву иҷтимоӣ адабиёт, ки дар сатҳи андешагии ҷомеа қарор дорад, дучори дигаргунӣ мешавад. Дар иртибот ба ин ҷойи таъкид аст, ки адабиёти тоҷик баъд аз истиқлол расидани кишвар дучори дигаргуниҳои пуршуморе гардид, ки омӯзишу таҳқиқи онҳо аз вазифаҳои муҳими адабиётшиносии имрӯз ба шумор меравад.

Боиси хушнудист, ки дар ин авохир таваҷҷуҳи муҳаққиқони ҷавон ба адабиёти даврони мазкур зиёд мегардад. То ба имрӯз чи дар заминаи насри муосир ва чи дар назм рисолаҳои судманде таълифу ҳимоя гардиданд. Рухдоди бисёр арзишманд ин аст, ки шеваи таҳқиқи муҳаққиқони ҷавон аз тарзҳои маъмулии пешин фарқ мекунад. Бархӯрди эшон танавуъи чашмгир пайдо намуда, забони таҳқиқ дигар гирифтору саргарми мазмунрасонӣ ва ривоятгарӣ нест. Ба ин маънӣ, ки маводи мавриди тахқиқ дар заминаҳои мухталиф бо баҳрагирӣ аз равишҳои тозаи илмӣ сурат мегирад. Ин худ як навъ сарчашмаи ангезиш, ташвиқи муҳаққиқон мебошад. Намунаи чунин таҳқиқе рисолаи Ризобоева Наргис Мамадкаримова мебошад.

Рисола аз муқаддима се боб ва хулосаву рӯйхати адабиёт иборат буда, ҳамчунин тавсияҳои хосро дар иртибот бо натоиҷи таҳқиқ фаро мегирад. Диссертант дар муқаддима перомуни аҳаммияту нақши таҳқиқи

мавриди назар, пешинаи омӯзиши он изҳори назар намуда, ба барҷастатарин пажӯҳишҳои анҷомшуда, дар ин замина ишорат меварзад. Ризобоева Н.М. зимни таълифи рисола бар он буда, то атрофи масоили хосе, ки дар камолу такмили мавзуи аслӣ муҳиманд, таҳқиқ намояд. Аз ҷумла атрофи ҷараёнҳои шеъри муосири тоҷик ва гироишҳои тозаи он, вазъи шеъри суннатӣ ва тағйироти суратгирифта дар матни он, ҳамчунин заминаҳои зуҳури тасвири парадоксӣ дар шеъри тоҷик ва ҳузури онҳо дар ашъори шоирони муосир. Номбурда бо далоилли хос талош намуда, шебу фарози мавзуъро дар сурудаҳои шоирони номӣ Гулрухсор, Фарзона ва Гулноз мавриди таҳлилу арзёбӣ қарор диҳад.

Боби аввали рисола “Вижагӣ ва равандҳои асосии шеъри муосири тоҷик дар даврони истиқлол” номгузорӣ шуда, шомили ду зербоб аст.

Диссертант бар ин назар аст, ки яке шохистарин вижагиҳои шеъри замони истиқлол инъикосу бозтоби масоилест, ки тарҳу баёнашро матни замон иқтизо дошт. Аз ҷумла тасвири бадеии афкори миллӣ, таърихи худогоҳии миллӣ. Хусусияти дигари шеъри муосири тоҷик дар ин давра ба воруди густурдаи анвои шеъри нав ва ошноии ҷомеаи адабӣ ба шеъри ҷаҳонӣ махсуб мешавад. Ба қавли муҳаққиқ густариши суннатҳои хоси шеъри пешин ва ривоҷи гурӯҳе аз падидаҳои ҳунарии он мисли парадокс ҳиссомезӣ ҷанбаи дигари шеъри замони истиқлол аст. Дар ин бахш ҳамчунин роҷеъ ба мафҳуми адабиёти замони истиқлол, иллати барҷастасозии он, матрахтарин мавзуоти замон ва гузашта аз ин перомуни насли тозаи ин давра изҳори назар шуда. Ногуфта намонад, ки дар боби аввал шоирони даврони истиқлолро ба се насл гурӯҳбандӣ шуда. Ин гурӯҳбандӣ бо назардошти замони зиндагии шоирон, корномаи онҳо ва нақшашон дар майдони адабиёт сурат гирифтааст.

Албатта гурӯҳбандии муҳаққиқро ба таври комил наметавон пазируфт, зеро чунин натиҷагирие таҳлилу арзёбии амиқу дақиқро тақозо мекунад. Масъалаи дигаре, ки бояд таъкид шавад андешаҳои диссертант перомуни шарху баёни истилоҳии “шеъри нав”, “шеъри сафед” ё “арузи озод” аст, ки зикрашон ҳангоми тарҳи чунин рисолае

шояд аз фоида холӣ набошад, вале ба андешаи мо замони ибрози назар агар манзур муътақид сохтани хонанда аст, бояд шеваи баён, пешниҳоди дидгоҳ эҳтиёткорона ва муҳим аз ҳама дурусту мустанад бошад.

Ризобоева Н.М. ба таври умум хеле содда, вале самимона аз зухури шеъри нав дар адабиёти тоҷик сухан мегӯяд, мутаассифона дар шеваи баёнаш низоми хосси ифода, муҳим аз ҳама ҷойгузин сохтани сарчашмаҳои аслӣ мавҷуд нест. Дар ин бахш перомуни вусъату доманаи таҷаддуд дар замони истиқлол низ изҳори андеша шуда, аз сурудаҳои шоирони саршинос мисли Муъмин Қаноат, Бозор Собир, Лоиқ Шералӣ ном бурда мешавад.

Диссертант бештар ба тозакориҳои шоирон дар заминаи мазмуну муҳтавои шеърашон ишорат менамояд. Дар поёни зерфасли аввал ба таври алоҳида атрофи шеъри шоирон Фарзона ва Гулноз андешаҳои хешро баён медорад. Ӯ муътақид аст, ки ягона девоне, ки метавонад шеъри замони истиқлолро аз лиҳози ҳунарӣ, зебошинохтӣ, вуҷуди диду бофти тоза, дарунмояҳои қобили мулоҳизаву хоси замони муосир, муаррифӣ намояд, девони Фарзона аст. Мазкур ин андешаро бо зикри мавзуъҳои меҳварии ашъори шоир ва шумори пажӯҳишҳои анҷомшуда дар ин замима собит месозад.

Дар радифи ин ашъоре аз Суруш, Озарахш ва Гулноз наклу таҳлил гардидааст.

Дар зерфасли дувуми боби аввал масъалаи шеъри тасвирӣ ва навъҳои тасвир дар шеър таҳлилу арзёбӣ шуда. Мавзуи тасвир ва накши он дар осори ҳунарӣ яке аз масъалаҳои муҳими аст, ки пешинаи тулонӣ дорад ва нокидону муҳаққиқон пажуҳишҳои фаровоне перомуни ҷузъиёташ таълиф кардаанд. Пешиниён низ ба ин рукни шеърсоз маъниофарин бетаваҷҷуҳ набудаанд. Эшон арзишу ҷойгоҳи ин мақуларо шояд бо мафҳуму шеваҳои гуногун таъкид кардаанд, ки зимни тарҳи масъала ёдрас намудани бархе назаргоҳҳои онон бемаврид нахоҳад буд.

Дар зерфасли ёдшуда ҳарчанд иддае аз пажуҳишҳо таҳлил гашта, вале такяи аслии диссертант китоби «Балоғати тасвир»-и Маҳмуди

Футухӣ аст. Ҳамзамон чанд нақли қавл аз А Ҳаким дар иртибот бо анвои тасвир ва ҳузури он дар ашъори лирикӣ оварда шуда, ки барои як кори таҳқиқӣ муҳим аст, аммо мутаассифона аксари истилоҳу мафҳумҳое, ки дар китоби «Вижагиҳои шеъри тавсифию тасвирӣ»-и А. Ҳаким омада, аз истилоҳоти русӣ тарҷумаи таҳтуллафзӣ шуда, гоҳо бисёр хушку номаънус ба назар мерасанд ва гоҳо маънирасон нестанд. Шояд каме тааммулу андеша ва замон лозим аст, то муодили дақиқ ё тарҷумаи зеҳннишини тоҷикӣ пайдо шавад.

Тибқи маъмул пас аз нақли дидгоҳҳои назарӣ атрофи тасвиру анвои он мисоле чанд аз ашъори Гулрухсор, Фарзона, Гулноз ва Доро Наҷот баён шуда, барҷастагиҳои ҳунарии онҳо нишон дода шудааст.

Ҳар зерфасле ва дар маҷмӯъ боби рисола фарогири хулосаҳои ҷудогона аст, вале натиҷаҳо комилан ифодагари мавзуи матруҳа набуда, ба сурати умум ва гоҳо пароканда баён шудаанд.

Боби дувуми рисола «Сарчашмашиносӣ ва заминаи ташаккули тасвири парадоксӣ дар адабиёти тоҷик» унвон шуда, фарогири се зербоб аст. Ҳарчанд зерфасли аввали боби дувум «Тасвири парадоксӣ: моҳият, марҳила ва асосҳои зуҳури он» номгузорӣ шуда, вале сухан нахуст аз шарҳу тафсири истилоҳи “парадокс” оғоз мегардад. Шинохти хестангоҳи истилоҳи мазкур муаллифи рисоларо ба домани «Ал-муъҷам»-и Шамс Қайси Розӣ мекашонад. Шояд иштибоҳи техникӣ бошад. Чун дар истилоҳ мо таноқуз, муноқизаро мешиносем, вале дар матни рисола ба шакли «таноқис» ва «муноқиса» омадааст. Албатта дар идомаи матн ин иштибоҳ ислоҳ шудааст.

Дар тафсири истилоҳ ҳарчанд чанд сарчашмае мисли «Алмуъҷам», «Ғиёс-ул-луғот», «Бадоеъ-ус-саноеъ» зикри ном шуда, вале боз ҳам такя ба «Балоғати тасвир»-и М. Футуҳӣ мебошад.

Диссертант пас аз мурури арзёбии ҷанбаи назарии масъала ба нақли шавоҳид мепардозад. Мисолҳои мундариҷа дар рисола аксар моли шоирони сабки ҳиндиянд ва аз китоби М. Футуҳӣ ахз шудаанд.

Хулосаи ниҳоии муҳаққиқон ин аст, ки ҳарчанд пешинаи зуҳури ин истилоҳ ба замони Рӯдакӣ мерасад, давраи шаклгириву камолаш дар сабки ҳиндӣ сурат мегирад.

Дар зербоби дувум саъй шуда, ҷойгоҳи тасвири парадоксӣ дар шеъри тоҷикии садаи XX нишон дода шавад.

Муҳаққиқ барои исботи донистаҳои назарӣ, дидаҳои хеш аз осори шоирони маъруф М. Турсунзода, М. Қаноат, Л. Шералӣ кор мегирад. Такяи ӯ дар адабиёти назариявӣ бештар ба таълифоти А. Ҳаким аст, ки амрест баҷо. Аммо мутаассифона иқтибосҳои интихобшуда фарогири андешаи ҷондору нишонрас нестанд. Бархе аз истилоҳот, тарҷумаи таҳтуллафзӣ шуда, ки мубҳаму нозебо ба назар мерасад. Масалан «муфради ғиноӣ», «ҷаҳони шайъӣ» (саҳ. 59)

Дар ҳамин саҳифа аз муҳаққиқи номбурда се иқтибос нақл шуда, ки бисёр заъифу номатлуб ва гоҳо фоқиди мантиқанд. Дар истинбоди ҳеҷ андешае кумак ҳам намекунанд. Ҷолиби таваҷҷуҳ аст, ки маъруфтарин сурудҳои М. Турсунзода ба сифати шоҳид интихоб шуда, то ҳузури тасвирҳои парадоксӣ собит гардад, вале мо бештар дар мисолҳо вуҷуди санъатҳои бадеӣ, маҷозу ташхису истиораву ташбеҳро эҳсос менамоем, на ба қавли диссертант, ифодаҳои парадоксиро.

Сурудаҳои М. Қаноат марзи дигаре аст, ки муҳаққиқ мавзӯи тасвирҳои парадоксиро дар домони он таҳқиқ намудааст. Махсусан достони «Суруши Сталинград» ҳамаҷониба мавриди таҳлил қарор гирифтааст.

Метавон гуфт, ки ёфтаҳо ё кашфиёти диссертант дар ин замина пуршумор аст. Номбурда бо пеш овардани мисоле саъй мекунад онро бо мавзуи парадокс гиреҳ бизанад ва гоҳо муваффақ ҳам мешавад, вале дар ин маврид ҳам гӯшу зеҳни мо бештар ба ороишҳои адабӣ мисли таззоду муқобала, маҷозу истиора, киноя одат кардааст.

Бархилофи шавоҳиди мундариҷ аз М. Турсунзода ва М. Қаноат намунаҳои баргирифта аз девони Лоиқ дархури аҳаммиятанд. Ин мисолҳо аз диди диссертант тасвири парадоксӣ мебошанд: «ғами

ширин», «дар тирамоҳ гул кардани ишқ», «дар замини вусъати худ осмонӣ будан», «аз дунёи хоболудӣ бедор гузаштан» ва ғ.

Масъалаи тасвирии парадоксӣ ҳамчунин дар сурудаҳои Бозор Собир, Гулрухсор мавриди пажуҳиш қарор гирифта ва ҳузури ин санъатро диссертант дар шеъри онҳо аз ҷанбаҳои муҳими ҳунару истеъдоди шоирон донистааст.

Диссертант дар зербоби савум дар бораи пояҳо ва заминаҳои зуҳури эҷоди тасвирҳои парадоксӣ сухан дар миён гузошта, ба чанд нуктаи ҳассос таъкид меварзад, махсусан ба нақши ташхис ё ҷойдорангорӣ, ба мафҳумҳои отифиву маънавӣ, ба ҳиссомезӣ арзиши басазо қоил мешавад. Воқеан ҳамин аркон ҳастанд, ки тасвирҳои мутаноқузро дар шеъри як шоир ба зуҳур мерасонанд.

Бояд қайд намуд, ки шавоҳиде, ки барои ин зерфасл аз осори Доро Наҷот интихоб шуда, бисёр шевову дилпазир ва ҷолиби аҳаммиятанд.

Хулосаи боби дувум бо вуҷуди такрори бархе андешаҳо дар сурати матлуб тадвин шудааст.

Боби асосии рисола маҳз ба таҳлили шеъри даврони истиқлол дар заминаи тасвири парадоксӣ бахшида шудааст.

Муҳаққиқ нахуст аз нақши парадокс дар таҳаввули маъно ва сабки баён сухан дар миён мегузорад ва бо нақли шавоҳиде аз ашъори Низом Қосим, А.Ҳаким, Д. Наҷот, К. Насрулло, Суруш, Нуралӣ Нурзод, Назруллоҳи Азизиён ба қавли худаш мехоҳад “муҳимтарин вижагиҳои корбурди ин навъи арзиши ҳунарии шеър дар таълифоти шоирони даврони 30-соли истиқлолияти давлатиро” баррасӣ намояд. Бар хилофи бобҳои пешин, ки обхурда аз манобеи назарӣ буданд, ин боб бар мабнои ёфтаҳои зеҳнии диссертант таълиф шудааст.

Андешаҳои содда, вале самимӣ. Эҳсос мешавад, зеҳну ҳуши ӯ ба андозае бо мавзуъ даромехтаву омезиш пайдо карда, ки ҳама ҷо тасвири парадоксӣ мебинад.

Ниҳоят зерфасли дувуми боби сеюм ба омӯзишу таҳкими мавзуи таҳқиқ бар мабнои бонувони суханвари имрӯз Гулрухсору Фарзона ва Гулноз таълифу анҷом шудааст.

Ба сифати намуна, аз девони Гулрухсор беш аз 10 шеър, ки ба гунае шомили тасвирҳои парадоксӣ мебошанд, ба риштаи таҳқиқ кашида шуда. Маъмулан диссертант бо нақли ҳар қитъа шеър ба аносири тасвирҳои парадоксӣ ишора намуда, баъдан ба тафсири онҳо мегузарад. Ҳарчанд ба ҳама андешаҳои мавсуф наметавон мувофиқ буд, вале дар ҳар сурат чунин ҷасорате роҳи таҳқиқро барояш бозтару равшантар менамояд. Аз сӯйи дигар, бархе аз намунаҳо аз нигоҳи имрӯз хеле содаву сатҳӣ буда, қиммати зиёди адабӣ надоранд. Шеър бояд як нерӯи ҷозиб, такондиҳанда, зеҳнрабо, шигифтзо дошта бошад. Хабар ё гузораҳои воқеиятҳои забонзаду машҳури рӯзмарраро дар қолаби шеър овардан хидмат ба адабиёт нест.

Дар ҳар сурат ба диссертант метавон мувофиқат кард, ки Гулрухсор «дар тарҳи тасвири парадоксӣ дар қолаби шеъри суннатӣ хоса дар рубоӣ хеле муваффақ аст» (диссер. саҳ. 112)

Дар пажӯҳиш девони Фарзона низ аз зовияи тасвирҳои парадоксӣ бо нақли мисолҳои пуршумор мавриди таҳқиқ қарор гирифта. Гузашта аз ин шебу фарози мавзуъ дар тарҷумаҳои Фарзона низ ба таҳқиқ кашида шуда. Шеваи таҳқиқ мисли пешин яксон аст.

Унвонҷӯ саъйи фаровон менамояд ҳеҷ тасвире парадоксӣ аз чашми вай пинҳон намонад. Гоҳо ба гӯшаҳои равшани хушоянд мерасад, вале дар аксар мавориди парадокси мавриди назараш миёни анбӯҳи печидагиҳо нопадидор мегардад.

Бахши поёнии рисола ба таҳқиқу арзёбии тасвирҳои парадоксии шоираи камшинохташуда Гулноз ихтисос дорад. Зикр шуда, ки сурудаҳои Гулноз аллакай назари муҳаққиқони адабиётро ба худ ҷалб кардааст. Аммо иқтизои як пажӯҳиши илмӣ аст, ки зимни баррасии осори ҳунарманде, назари ноқидон то ҳадди муҷоз зикр гардад. Дар ин бахш тамоми амсоли парадоксгуна аз диди худи диссертант шарҳу

тафсир шудаанд. Шарҳу тафсирҳое, ки ҳарчанд ба сарҳади камол нарасидаанд, вале аз шаклгирии муҳаққиқе пуркору ҷустуҷӯгар, бопуштикор гувоҳӣ медиҳанд.

Дар поён номуносиб нест ба чанде аз камбуду костиҳои рисолаи Ризобоева Н.М. ишора шавад:

1. Бо вуҷуди касрати шавоҳид дар матни рисола мафҳуми тасвири парадоксӣ норавшан мемонад. Зимни шарҳи густурдаи он ҳамчун истилоҳи адабӣ бояд аз дидгоҳҳои назарии адабиётшиносони рус, иттилои донишномаҳои адабӣ истифода мешуд. Зеро дар адбиётшиносии рус аксар зимни гурӯҳбандии анвои парадокси адабӣ ба вижагиҳои умдаи он ва тафовуташ аз дигар анвои парадоксҳо таъкид мешавад.

2. Дар зербоби аввал атрофи заминаҳои «шеъри нав», «шеъри сафед», ё «арузи озод» баҳс шуда. Хуб буд ин мафҳумҳо чун ҷараёнҳои хоси шеъри муосиранд, дар зерфасли алоҳида мавриди баррасӣ қарор мегирифтанд. Гузашта аз ин сатҳи омӯзиши онҳо дар мисоли пажӯҳишҳои муҳаққиқони тоҷик нишон дода мешуд.

3. Дар матни рисола ҷумлаҳои назарфиреб, ки гоҳо костагиҳое доранд ва гоҳо дар натиҷагириҳо такрор мешаванд зиёданд, ки танҳо бо як мисол иктифо мешавад: «тасвирсозӣ яке аз вижагии ҳунарии шеър ба шумор меравад, ки арзиш ва аҳаммияти бадеии онро муайян мекунад. Тасвир аз ҷумлаи яке аз муҳимтарин пояҳои сувари хаёли шоир аст, ки аз ҳар роҳи шева эҷод мешавад» (дисс. 48).

4. Ба андешаи мо беҳтар буд боби аввалу дуюм якҷо карда мешуд. Чун зерфасли дуюми боби аввал ҷанбаи назарӣ дорад ва дар боби дуюм низ матолиби назарӣ фаровон дорад.

5. Ба гумони мо чун манзури аслӣ дар рисола таҳқиқи шеъри замони истиқлол аст, баррасии мавзуъ дар шеъри садаи бист лузуме надорад. Чун масъулият бузург мешавад ва тарҳи масъала бо зикри чанд шоире кофӣ нест.

6. Зерфасли аввали боби сеюм низ чун назарӣ аст, бояд ба боби дуюм мулҳақ шавад.

Албатта эродҳои мазкур ба муҳтавои аслии тадқиқот халал ворид намесозанд.

Диссертатсияи Ризобоева Наргис Мамадкаримовна, ки ба мавзуи “Тасвирҳои парадоксӣ дар шеъри муосири тоҷик” (давраи истиқлол) ихтисос дошта, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология (аз рӯйи ихтисоси 10.01.08 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ) пешниҳод гардидааст, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ мебошад.

Доктори илмҳои
филология, мудири кафедраи
филологияи Эрони ДМТ, профессор Сафаров У.Р.
«14» 11 2022

Имзои Сафаров У.Р-ро
тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсус Тавқиев Э. Ш.